Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҚАРОР
Правительство Республики Таджикистан
ПОСТАНОВЛЕНИЕ

аз 2 июли соли 2005 № 239
ш.Душанбе

**Дар бораи таъсиси Агентии миллим Созмони байналмилалии ракамгузории стандарти китоб - Хонаи китоби Точикистон**

Мутобиқи моддаи 58 Кодекси гражданин Ҷумурии Тоҷикистон ва бо максади шомил шудан ба Созмони байналмилалии рақамгузории стандартии китоб, таъмини реклама ва фурӯши китоби Тоҷикистон дар микёси байналмилалӣ, тартиб додани маълумотномаи ягонаи оморӣ, ҳифзи китоб ва маҳсулоти дигари чопие, ки дар ҷумҳурӣ ба табъ мерасанд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Палатаи давлатии китоби Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи маблағҳо ва воҳидҳои кории амалкунандаи он ба Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб - Хонаи китоби Точикистон табдил дода шавад.

2. Дар Накшаи идоракунии Вазорати фарҳанги Чумхурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 1997 № 570 «Масъалаҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» тасдик шудааст, сархати бисту ҳаштум дар таҳрири зерин баён карда шавад:

«Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб - Хонаи китоби Тоҷикистон".

3.Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ташкили низом ва фаъолияти Агентии миллии Созмони байналмилалии ракамгузории стандарти китоб - Хонаи китоби Тоҷикистон якҷоя бо вазоратҳо ва созмонҳои расмии манфиатдор дар бобати иҷрои расмиёти зарурӣ барои ворид шудан ба Созмони байналмилалии Агентии миллии Созмони байналмилалии ракамгузории стандарти китоб, тайёр кардани мутахассисони соҳаи мазкур, бо таҷҳизот ва технологияи зарурӣ таъмин намудан ва тибқи конунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном кардани Агентии миллии Созмони байналмилалии ракамгузории стандарти китоб чораҳои амалӣ андешад.

4. Роҳбарияти тамоми нашриёт ва чопхонҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, то 1 октябри соли 2005 ҷиҳати шомил шудан ба Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб - Хонаи китоби Тоникистон ва гирифтани рақами Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб чораҷӯӣ намуда, минбаъд китоб ва дигар маҳсулоти чопиро бе рақами Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб чоп ва интишор накунанд.

**Раиси Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Э.Раҳмон**